Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 079 – и назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ пешниҳод гардидааст.**

Рушд ва паҳншавии ҷаҳонии технологияи интернет– коммуникасия дар оғози асри XXI сатҳ ва сифати навро ба худ касб намуд ва ба пайдоиши фазои мустақили маҷозию (виртуалӣ) коммуникатсионӣ асос гузошт, ки он принсипи муайяни фаъолияти худро доро буда, ба равандҳои сиёсӣ таъсири фаъол мерасонад. Интерент-технология дар амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ нақши назаррас дошта, таъсири он дар идораи шуури ҷамъиятӣ ва тағйири рафтори субъектони сиёсат боз ҳам бештар мегардад. Ҳамзамон, дар натиҷаи пайдоиши навъҳои муосири коммуникатсияи сиёсӣ муносибатҳои нави байниҳамдигарии давалат ва ҷомеа ба вуҷуд омадааст, ки аз институтҳои давалат равишҳо ва механизмҳои нави фаъолиятро тақозо мекунад.

Диссертатсияи номзадии Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич, ки ба омӯзиши нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа бахшида шудааст, яке аз мавзуъҳои муҳим ва ба таври кофӣ омӯхтанашуда дар илмҳои сиёсии ватанӣ ба ҳисоб меравад. Автореферати диссертант, ки аз матни диссертатсия гирифта шудааст фарогирандаи паҳлуҳои мухталифи коммуникатсияи сиёсӣ ва нақши он дар идоракунии сиёсии ҷомеа мебошад. Муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзуъ бештар ба таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсӣ дар замони муосир диққат додааст. Автореферати

диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич, ки дар мавзуи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», пешниҳод гардидааст, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад. Муаллиф тавонистааст, ки дар раванди таҳқиқот асосҳои назариявию методологии падидаи коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ, тамоюли тағйирёбии коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа, истифодаи технологияҳои манипулятсияи сиёсӣ дар раванди коммуникатсияи сиёсӣ, ҳолат ва таъсири фановариҳои интернетӣ ба ташаккули муносибатҳои иҷтимоӣ дар Тоҷикистон ва ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба раванди сиёсӣ дар Тоҷикистонро дар асоси адабиёти дастраснамуда таҳқиқ намояд.

Боби аввали диссертатсия "Асосҳои назариявӣ ва методологии алоқамандии коммуникатсияи сиёсӣ ва идоракунии сиёсӣ" буда, диссертант онро ба ду зербоб ҷудо намудааст. Муаллиф дар ин қисмат бештар ба масъалаҳои назариявӣ диққат додааст. Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич тавонистааст, ки моҳият ва хусусиятҳои коммуникатсияи сиёсӣ дар илмҳои сиёсӣ ва иҷтимоиро баррасӣ ва натиҷагирӣ намояд.

Боби дуюми диссертатсия "Шакл ва усулҳои амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ дар шароити муосири идоракунии сиёсӣ" номгузори шуда, аз ду зербоб иборат мебошад. Дар боби дуюм муаллиф истифодаи технологияҳои муосири манипулятсияи сиёсӣ дар амалишавии коммуникатсияи сиёсӣ ва таъсири коммуникатсияи сиёсӣ ба шуури ҷамъиятӣ ва аҳамияти он дар идоракунии сиёсиро таҳқиқ намудааст.

Боби сеюми диссертатсия "Вазъ ва дурнамои таъсири коммуникатсияи сиёсӣ дар раванди идоракунии сиёсии Тоҷикистон" буда, дар қисмати мазкур бештар таҳлил ва натиҷагирии ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ва таъсири он ба раванди сиёсӣ дар Тоҷикистон ва вазъият ва нерӯи таъсири интернет–ҳамкориҳои коммуникатсионии субъектони ҳаёти сиёсӣ ба назар мерасад. Муаллиф тавонистааст, ки дар асоси таҳлили адабиёти зиёди илмӣ асосҳои назариявию

методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии масъалаи мазкурро дар асоси назари муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баррасӣ намояд.

Дар автореферат дар баробари муваффақиятҳо баъзе камбудиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд. Хуб мешуд дар баробари ҷанбаҳои мусбии истифодаи воситаҳои коммуникатсионӣ ҷанбаҳои манфии он низ зиёдтар баррасӣ мегардид.

Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии диссертатсия, пешниҳоди навгониҳо ва хулосабарориҳо дар кори илмӣ ифодаи он аст, ки кори мазкур арзиши илмӣ дошта, аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шудааст. Эродҳои пешниҳоднамуда арзиши илмии автореферати мазкурро коҳиш намедиҳад. Хулоса автореферати диссертатсияи Ҷобиров Иқбол Фатҳуллоевич дар мавзӯи «Нақши коммуникатсияи сиёсӣ дар низоми идоракунии сиёсии ҷомеа», таҳқиқоти илмӣ маҳсуб ёфта ба талаботи КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.02 – Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияҳои сиёсӣ мебошад.

**Муқарриз:**

Номзади илмҳои сиёсӣ,
муовини декан оид ба илм ва инноватсияи
факултети Сиёсат ва идораи давлатии
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав ____________ Мадалиев Ҷамолиддин Алиҷонович

Имзои Ҷ. А. Мадалиевро тасдиқ менамоям:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав ________________ Исозода Тоҷиддин Исо

**Суроғаи муқарриз:**
735140,Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел: (+992 - 32) 222- 48 – 63
Сомонаи расмӣ: www.btsu.tj

02.06.2025.